Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Ш.Шоҳтемур (734003, Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ 146,E-mail: olimov-1976@mail.ru)

## ТАҚРИЗ

ба автореферати Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзӯи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02-Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.

Дар шароити имрӯза зарурати воқеии ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳои деҳот ба миён омадааст. Он бахри ташаккули механизмҳои идора ба рушди устувор равишҳои навро талаб мекунад. Таносуби майдони маҳалҳои деҳот ва шаҳр, дар шароити иҷтимоию-иқтисоди инноватсионии мамлакат, бахри баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар кишвар аҳамияти махсуси деҳотро нишон медиҳад.

Ба андешаи муаллиф, пеш аз бунёди механизми идораи рушди устувори ҳудудҳои деҳот, бояд таҳқиқи назариявию усулии моҳияти рушди устуворӣ, амалӣ карда шавад, ки бо мафҳумҳои «рушди устувор», «рушди иқтисодӣ», «бехатарӣ» алоқаманданд. Вобаста ба ин, зарурати ҷудо кардани маъноҳои тафсир ба миён омадааст

Бояд қайд кард, ки мафҳуми «механизме», ки дар адабиёти илмӣ зиёд вомехӯрад, шарҳи бештар мехоҳад. Ба андешаи муаллиф, яке аз шарҳҳои нисбатан аниқи мафҳуми механизми идора ҳамчун якҷоягии усулҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, технологӣ, иҷтимоию равонӣ ва ҳуқуқии идораи ҳудудҳо ва зер низомҳои алоҳидаи он бо муносибатҳо, шаклу усулҳои таъсирбахшии хоси онҳо, ки ба иҷрои мақсадҳои идора равона шудаанд, буда метавонанд.

Механизми рушди ҳудудҳои деҳот гуфта, муаллиф якҷоягии шакл ва усулҳои ташкил, ҳамоҳангкунӣ ва истифодаи пойгоҳҳои молиявии

ҳудудиро бо мақсади расидан ба рушди устувори ҳудудҳои деҳот мефаҳмонад.

Вобаста ба ин, ҳамчунин иқтидорҳои нокифояи барномаи рушди деҳот, идомаёбии коҳишёбии вазъ дар соҳаи иҷтимоии деҳот муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки дурнамои наздик эҳтимолияти пешравиҳои назаррас дар соҳаи рушди деҳот ва ба дастоварии раванди хусусияти устувор дошта дар ин бобат кам мебошад.

Ҳамин тавр, ҳоло дар ҷумҳурӣ тамоюли марказонидани ҳокимияти соҳаи идораи рушди ҳудудҳои деҳот бартарӣ пайдо кардааст. Рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар натиҷаи афзоиши ҷои корӣ, шумораи бекорон тамоюли камшавиро доранд, аммо он ба талаботи ҳозираи бозори меҳнат ҷавобгӯ нест, чун ки дараҷаи афзоиши ҷойҳои нави корӣ аз афзоиши шумораи бекорон қафо мемонад. Бо мақсади ҷалб намудани бекорон зарур аст, ки шумораи корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулотҳои кишоварзӣ, ба монади пахта, зағир, офтобпараст ва дар ноҳияи куҳистон ташкили хоҷагиҳои ҷамъоварӣ ва хушк кардани алафҳои табобатӣ зиёд карда шавад, ки мушкилоти ҷойдоштаро қадри имкон ҳал менамояд.

Дар вилояти Хатлон зери таъсири рӯйдодҳои бӯҳронӣ дар иқтисодиёти мамлакат вазъи суст гаштани рушди устувори иқтисодӣ ба миён омадаст. Маҳдудияти гаштани корхонаҳои саноатӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ ба набудани пойгоҳи иқтисодии рушди иҷтимоӣ ва экологии вилоят боис мегардад. Вазъи рушди ҳудудҳои деҳоти вилоят ба ҳисоби миёна назар ба ҷумҳурӣ соҳиби иқлими мусоид буда, ноҳияҳои он дар хусуси вазъи деҳот, шумораи аҳолии деҳот ва дигар индикаторҳои рушди ҳудудҳои деҳот шаҳодат медиҳанд.

Дар қатори дастовардҳои дар автереферат ҷойдошта, инчунин баъзе камбудиҳои ноаён ва на он қадар муҳим низ ба назар мерасад, ки аз инҳо иборат мебошанд:

1. Агар муаллиф дар автореферат роҳҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳои деҳоти вилояти Хатлонро боз ҳам бо рақаму далелҳо оварда асоснок менамуд, мазмуну мундариҷаи кори мазкурро бой менамуд.

2. Автореферат дорои хатогиҳои грамматикӣ ва имлоӣ буда, баъзе аз мафҳумҳо ва ҷабҳаҳо ба тариқи мушаххас баён карда нашудаанд.

Камбудиҳои ҷойдошта ҷузъӣ буда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии таҳқиқоти гузаронидаи автореферата ро кам намекунанд.

Дар маҷмуъ, автореферати Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзӯи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат (дар мисоли вилояти хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02-Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02-Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

Муқарриз
мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ
ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Шодиев Б.С.

Имзои Шодиев Б.С.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав — Шукурзод Ҷ. А.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
☏: (+992-3222)24520, 2022253, E-mail:Ktsu78@ mail.ru